Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005-и дар назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи «Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

Дин ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба сохтори иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон таъсири назаррас мерасонад ва дар ин самт ҷойгоҳи таҳсилоти динӣ нақши муҳим мебозад. Таҳсилоти динӣ як бахши раванди иҷтимоии шахс буда, барои аз як насл ба насли дигар гузаштани меъёрҳо ва арзишҳои динӣ мусоидат менамояд. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ташкилотҳои динӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа афзуда, дар фазои динии ҳаёти ҷамъиятӣ амсилаҳои гуногуни таҳсилоти динӣ ба вуҷуд омаданд, ки иҷтимоишавии динии шаҳрвандон, махсусан, наврасону ҷавононро ба амал мебароварданд. Дар ин ҷараён ташкилотҳои динӣ ва қишри рӯҳонии ҷомеа раванди таҳсилоти динии наврасону ҷавононро зери назорат гирифта, бо ин восита мақоми худро дар байни аҳолӣ мустаҳкам гардониданд.

Пас аз барқарор гардидани ҳокимияти қонунӣ дар Тоҷикистон муносибатҳои динии ҷомеа зери танзим қарор гирифт, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибати байни дин ва давлати дунявӣ қабул гардиданд. Дар Тоҷикистон барои рушди арзишҳои динӣ ва фаъолияти ташкилотҳои динӣ шароитҳои якхелаи зарурӣ фароҳам омадааст, барои иҷтимоишавии динии шаҳрвандони Тоҷикистон, ҳамзамон ташаккулёбии ҷаҳонбинии дурусти динӣ ба роҳ мондани таълими диншиносии илмӣ, муайян намудани амсилаҳои муносиби таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ ва ҳифзи фарҳанги миллии шаҳрвандон тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд.

Мутаассифона, имрӯз низ дар Тоҷикистон таҳсилоти ғайрирасмии динӣ ба мушоҳида мерасад, наврасону ҷавонон дар ин муҳити иҷтимоӣ баробари гирифтани донишҳои динӣ ба равияҳо ва мазҳабҳои

ғайрианъанавӣ гаравида, дар онҳо ғояҳои ифротгарой ташаккул меёбанд. Ифротгароёни динӣ барои расидан ба мақсадҳои худ асосан ба ҷавонони фанатики дин, дорои саводи пасти динию дунявӣ ва зудбовару мушкилидор таваҷҷуҳ менамоянд. Тавассути сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷавонони гумроҳ ваъдаҳои пучу дурӯғ дода, нисбати дин, давлат ва шахсиятҳои бонуфуз ҳар хел овозаҳои беасосоро паҳн мекунанд, бадбинӣ ва низоъҳои мазҳабиро бармеангезанд.

Аксарияти кулли ифротгароёни динӣ саводи кофии динӣ надоранд, таҳсилоти дурустӣ динӣ ва исломӣ нагирифтаанд, ахбори динии онҳо баъзе маълумотҳои одитарини фиқҳӣ, таърихӣ ва ривоятиву қиссавӣ мебошад, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳо ва шахсони алоҳидаи манфиатҷӯйи динӣ дастрас намудаанд. Асоси динро ба таври соддалавҳона, зоҳирӣ ва яктарафа мефаҳманд, бе ҳеҷ гуна таҳлил ва андеша фатвоҳо ва суханони роҳбарони худро қабул ва пайравӣ мекунанд. Нисбат ба ҳокимияти сиёсии қонунӣ, қонунҳои амалкунанда, ҳувияти миллӣ ва фарҳангу тамаддуни форсию тоҷикӣ ҳисси нафат ва бадбинӣ доранд, нафарони муқобили худро танқид ва таҳқир менамоянд.

Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз доштанд: «Ман чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом иртиботе надорад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд».

Барои иҷтимоишавии динии насли наврас низоми неруманди диншиносии илмӣ лозим аст. Мутаассифона, низоми диншиносии илмӣ ҳануз дар Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ рушд накардааст ва шумораи мактабу мадрасаҳои динӣ ва марказҳои омода намудани мутахассисони динӣ, инчунин олимони диншинос хеле кам ҳастанд. Стандартҳои таълимӣ, барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ бо назардошти талаботҳои ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва дунявии шаҳрвандони Тоҷикистон таҳия нагардидаанд. Зарур аст, ки таҳсилоти динии давлатӣ дар байни аҳолӣ мақому манзалати зарурие касб намояд ва сатҳи сифати таҳсилоти динии аҳолӣ боло бардошта шавад.

Аз таҳлилиҳои болоӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳқиқи масъалаи таҳсилоти динӣ дар ҷомеаи дунявии Тоҷикистон мубрам буда, мавзуи интихобкардаи

Муҳаммадқодири Наҷмуддин аз аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ бархурдор аст.

Диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст. Дар муқаддимаи кор мубраммияти омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия барасӣ гардидааст.

Диссертант Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар боби аввал ва параграфҳои алоҳидаи асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ, шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар замони муосир ва асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динӣ дар ҷомеи муосири Тоҷикистонро мавриди таҳқиқу баррасии амиқи илмӣ қарор додааст. Муҳаққиқ дар асоси назарияҳои сотсиологӣ, сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳлилҳои анҷомдодаи худ институти дин, вазифаҳои иҷтимоии он, таносуби дунявият ва масъалаҳои динӣ, асосҳои ҳуқуқии таҳсилоти динӣ ва дигар масъалаҳои ба таҳсилоти динӣ алоқамандро таҳқиқ намудааст. Дар диссертатсия назарияҳои мутафаккирони бузурги фалсафа ва сотсиология оид ба дин ва таҳсилоти динӣ, инчунин заминаҳои мусоиди ҳуқуқии таҳсилоти динӣ дар Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

Ба андешаи довталаби дараҷаи илмӣ таҳсилоти динӣ яке аз роҳҳои қонунии тағйирдиҳии тафаккури динӣ буда, такмил додани низоми таҳсилоти диниро омили тағйир додани тафаккури динии аҳолӣ ва мутобиқ намудани дин ба талаботҳои навини ҷомеа номидааст. Дар хотимаи боби аввали диссертатсияи хеш Муҳаммадқодири Наҷмуддин ба хулосае меояд, ки давлати дунявӣ ҳеҷ гоҳ бар зидди дин баромад намекунад, шаҳрвандони диндор дар давлати дунявӣ озодона урфу одат ва маросимҳои динии худро ба анҷом расонида метавонанд. Давлати дунявӣ асосан зидди хурофот ва ифротгароии динӣ, зидди ташкилотҳо ва гурӯҳҳои экстремистӣ мубориза мебарад.

Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар боби дуюми диссертатсияи худ хусусиятҳо ва тамоюлҳои таҳсилоти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таносуби давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ, вазъи таҳсилоти динӣ ва дурнамои он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, афкори ҷамъиятӣ оид ба таҳсилоти динӣ ва масъалаҳои ифротгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намудааст. Ба андешаи муҳаққиқ тафаккури динии шаҳрвандони Тоҷикистон решаи амиқи таърихӣ дорад ва барои ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ ва паҳн намудани арзишҳои дунявӣ низоми чорабиниҳои мушаххасеро дар амал татбиқ кардан лозим аст. Диссертант қайд менамояд, ки Асосгузору сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба дин таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои таҳсилоти динӣ ва фаъолияти қонунии ташкилотҳои динӣ дар Тоҷикистон шароитҳои мусоидро фароҳам сохта, ба паҳншавии ҳаракату равияҳои динии ифротӣ монеа гаштанд.

Дар ин бахши диссертатсия Муҳаммадқодири Наҷмуддин омили асосии шаклгирии сатҳи ҷаҳонбинӣ ва шуури динии аҳолӣ, махсусан рӯҳониён таҳсилоти динӣ мебошад. Барои тағйир додани шуури динии аҳолӣ бояд шакл ва сатҳи таҳсилоти динӣ тағйир дода шавад. Шуур ва ҷаҳонбинии баланди динӣ, на хурофотӣ дар бунёди ҷомеаи миллӣ ва шаҳрвандӣ нақши муҳим бозида метавонад, арои ягонагӣ ва ваҳдати миллии Тоҷикистон ҷаҳонбинии солими динӣ мусоидат менамояд. Ҷаҳонбинии динии хурофотӣ ва ифротӣ сабаби асосии гаравиши баъзе аз шаҳрвандон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мегардад.

Диссертант масъалаи ҷойгоҳи таҳсилоти динӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон сухан ронда, қайд менамояд, ки айни замон дар Тоҷикистон амсилаҳои нави муносибати байни давлат ва иттиҳолдияҳои динӣ шакл мегиранд ва танзими равандҳои динӣ дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд. Ба андешаи муҳаққиқ дунявиятро ҳамчун низоми давлатдорӣ ва динро ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ пазируфтан дар замони истиқлолият илмҳои диншиносию исломшиносиро аз бунбасти идеологию сиёсӣ озод намуда, барои рушди бунёдии онҳо мусоидат менамояд.

Муаллиф омода намудани омӯзгорони диниро яке аз масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмии кишварамон номидааст ва қайд чунин менамояд: «То солҳои охир давлат ба таҳсилоти динии аҳолӣ таваҷҷуҳи лозима зоҳир намекард ва дар натиҷа аҳолӣ таҳсилоти динии худро бо роҳҳои гуногун ва хориҷ аз кишвар дастрас менамуданд. Бо ин

сабаб, нуфузи муҳассилони муассисаҳои динии давлатҳои хориҷӣ, ки аз хатмкардаҳои донишкада ва дигар мактабҳои ғайрирасмии динии кишварамон аз ҷиҳати саводи динӣ нерумад буданд, мақоми баланди ҷамъиятиро соҳиб гаштанд ва аҳкоми мазҳабҳои ғайриҳанафии дар хориҷ омӯхтаашонро дар ҷомеа паҳн намуданд. Хушбахтона, давлат ҳоло ба масъалаи таҳсилоти динии шаҳрвандон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст ва Донишкадаи исломии Тоҷикистон бо маблағгузории давлат фаъолият менамояд».

Дар зербоби охири диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологие, ки ба масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва ифротгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд ва худи муҳаққиқ дар гузарондан ва таҳлили натиҷаҳои онҳо бевосита иштирок намудааст, баррасӣ гардидаанд. Диссертант дар асоси натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ барои ташаккул додани низоми таҳсилоти динӣ ва бартараф намудани ифротгароии динӣ як қатор тавсияҳои асоснокро пешниҳод менамояд. Дар хулосаи диссертатсия фишурдаи тамоми масъалаҳои дар бобҳо ва параграфҳо таҳқиқшаванда ба таври мухтасар инъикос гардидааст.

Диссертант Муҳаммадқодири Наҷмуддин барои пажуҳишу баррасии масъалаҳои дар диссертатсия матраҳшаванда аз адабиёти зиёди илмӣ-тадқиқотӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ, маводи интернетӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои гузошташуда дар сатҳи зарурӣ иҷро шуда, дорои як қатор навгониҳо мебошад. Муҳаққиқ ҳангоми навиштани диссертатсия маҳорату қобилияти баланди мустақилона гузаронидани тадқиқоти илмиро нишон додааст. Натиҷаҳою хулосаҳои бадастовардаи диссертант асоснок мебошанд ва диссертатсия кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Ҳамаи пешниҳод ва нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар тадқиқоти диссертатсионӣ овардашуда асоснок буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ тасдиқ шудаанд ва аҳамияти илмӣ доранд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мухтавои асосии диссертатсияро пурра ифода менамоянд. Мавзуъ, ихтисоси илмии

интихобшуда, мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин ба шиносномаи ихтисос мувофиқат менамояд ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Вобаста ба таҳлилҳои анҷомдодашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи «Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои фалсафа,
дотсенти кафедраи сотсиологияи
факултети фалсафаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон **Миров Ф.С.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** mirov2010@mail.ru
**Тел.:** (+992) 93-733-33-11

**Имзои н.и.ф., дотсент Миров Ф.С.-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э.Ш.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** tnu.int.re@gmail.com
**Веб-сайт:** www.tnu.tj
**Тел.:** (+992 37) 221-77-11; 221-47-96

**«03» 11 соли 2023**